## Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ): аз ҷумла ба банди 1, банди 2 ва банди 4 мувофиқ аст.

**Мубрамият ва зарурияти баргузории таҳқиқот**

Диссертатсияи номзадии Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» дар заминаи таҳқиқу баррасии роҳу воситаҳои Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» иҷро шудааст.

Муҳиммияти масъала дар он зоҳир мешавад, ки назорати дохилии муассиса хусусияти башардӯстона касб мекунад ва дар шакли зерин амалӣ мегардад: арзишҳои умумиинсонӣ риоя мешаванд; инкишофи озодонаи шахсият таъмин гардида; дастрасии умумӣ ва одаткунӣ ба инкишоф тавассути таълим ва тарбия таъмин гардида; идоракунии таълим характери давлатӣ-ҷамъиятиро дар худ касб намуда; дар асоси барнома мутахассисони рақобатпазир дар талаботи бозори мехнат омода карда мешаванд.

Дар шароити муосир дар тамоми касбу кор тағйирот рӯй дода, ихтисосҳои нав пайдо мегарданд, ки аз тафаккури эҷодӣ ва технологияи истеҳсолӣ вобастагӣ дошта, маҳсулнокии меҳнат низ аз инкишофи илм ва донишу маҳорати мутахассисон вобаста мебошад. Қисми зиёди арзиши мол ва хизматрасониро дониш, маҳорат ва малака; гузаштан аз тақсимоти меҳнат ва дониш ба тафриқаи он; ба салоҳияти маҷмӯъии дониш ва малака; ҷаҳонишавии касб ва бозори меҳнату тахассус, истифодаи фаъоли технологияи ахборотӣ- коммуникативӣ, ки ҷараёни

интегратсиониро дар сиёсати таҳсилотии аврупоӣ ва ҷаҳон татбиқ менамояд, ташкил медиҳад. Дар раванди демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият рақобат байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва хатмкушандагон дар сатҳи мамлакат ва дараҷаи байналхалқӣ авҷ мегирад, Ба ин рақобат танҳо муассисаҳое тоб оварда метавонанд, ки хатмкунандагони онҳо дар бозори ҷаҳонии меҳнат аз рӯи дараҷаи донишу маҳораташон харидор дошта бошанд.

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили диссертатсия маълум гардид, ки муҳаққиқ мувофиқ ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотӣ, таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷи кишвар (М.Лутфуллозода, Ш. Абдуллоев, Х. М. Зиёӣ, Х.Буйдоқов, И. Х. Каримова, Ф. Шарифзода, А. А. Вербицкий, Д.Махкамов, С. Шербоев, З.Ҳалимов, Бобизода Ғ., О. А. Абделиной, А. С. Макаренко, Л. И. Носиков, О. С. Богданов, Б. П. Лихачев, В. А. Сластёнин, Ю. Н. Кулюткин, И. Г. Сухобской, Сейтешев А.П., С. Л. Рубенштейн, А. Н. Леонтев, Н. А. Менчинской), ки онҳо ба масъалаи ташаккули салоҳияти насли ҷавон таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд, омӯхта аз он чун сарчашмаи илмӣ-назариявӣ истифода бурдааст. Инчунин рафти кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба таҳлилу баррасии талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ- ҳуқуқии соҳаи маориф, ки дар онҳо иҷрои мақсаду вазифа, мазмуну муҳтавои муносибати босалоҳият ба таълим дар низоми таҳсилот ва барномавӣ-методикӣ, ки мундариҷа ва мазмуни таҳсилот муайян карда шудаанд, ҳамчун заминаи методологӣ чун мутахассиси соҳаи маориф таҳлили маводи арзишманд пешкаш гардидаанд.

Дар заминаи муайянсозии ихтилофҳо оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим ба нақша ва дастгоҳи илмии дар низоми таҳқиқот пайгирӣ карда шудааст.

Дар муқаддима мубрамият, зарурият, аҳамият, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навоварӣ, асосҳои назариявию амалӣ ва методҳои асосии таҳқиқот муайян, мақсаду вазифаҳо равшан ва масъалаҳои асосӣ дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Мақсад таҳқиқотро коркарди асоси назариявӣ ва санҷиши озмоишии роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити демократикунонии таълим. Объект ва мавзуи таҳқиқот низ мантиқан бо ҳам пайваст буда, дар фарзияи илмии коркарду пешниҳодгардида демократикунонии ҷараёни таълим ва тарбия дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди иҷтимоишавии

донишҷӯён ва ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ таъкид менамояд.

Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро омӯзишу маводҳои назариявӣ, ки он имконияту неруи муҳити иҷтимоӣ дар демократикунонии ҷараёни таълим ва тарбия дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯён ташкил намудааст. Таҳлили асноди қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф дар Тоҷикистон, ки ғояҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, психологӣ, педагогиро оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим муайян гардидааст, ташкил намудаанд. Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим, ки дар пешрафти ҷомеа тағйиру такмил меёбанд ва таҳқиқоти олимони хориҷию ватанӣ, ки нақши арзишҳои маънавиро дар рушди шасияти насли ҷавон таҳқику баррасӣ кардаанд, аз тарафи муҳаққиқ чун асоси методологии таҳқиқот интихоб ва мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

Сарчашмаи маълумот барои кори таҳқиқотии мазкур осори адабӣ-бадеӣ, илмӣ, фалсафӣ ва психологӣ-педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030», Стандарти давлатии таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами омӯзгорони ватанию хориҷӣ оид ба раванди демократикунонӣ шуда метавонанд, нишон додааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** аз он иборат аст, ки доираи донишҳои зарурӣ, маҳорат ва малакае, ки донишҷӯ ба он ноил бошанд, дар иҷрои амалҳои педагогӣ коркард гардида, боиси истифода қарор дода мешавад. Имкониятҳои иқтидори касбии фанҳои таълимии педагогика ва психология, фанҳои ҷамъиятӣ ва шароити татбиқи робитаҳои байни фаннӣ коркард гардида, дар раванди демократикунонии таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муносибатҳои босалоҳият мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Тавсияҳои мушаххас оид ба муносибатҳои диференсалӣ дар ташаккули омодагии касбии донишҷӯён коркард гардид; усул ва шаклҳои татбиқи амалётӣ-фаъолиятӣ ва мақомӣ-арзишии робитаҳо дар ҷараёни ташаккули омодагии касбии донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқотро** ифода мекунад: андешаҳои асосии педагогӣ- психологӣ, фалсафи, антропологӣ дар бораи инсон ва раванди иҷтимоишавии он; - инкишофи маънавӣ, ахлоқӣ, психологӣ ва ҷисмонии ҷавонон тавассути демократикунонӣ; - робитаи мутақобилаи иҷтимоӣ ва биологӣ;- иқтидори маърифатӣ ва тавоноии ҷисмонӣ-меҳнатии инсон;- авҷеи омилҳои инсонӣ дар ташаккули ҷамъияти муосир;- шароитҳои иҷтимоӣ- маданӣ ва шароитҳои этникӣ-конфесионалӣ дар кори ташаккул ва инкишофи шахсияти инсон дар раванди демократикунонии таълиму тарбия ва ташаккули салоҳияти касбӣ.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф мувофиқ ба бандҳои он дар раванди таҳқиқот амалӣ гардида, тасдиқи он дар матни диссертатсия ва автореферати он ифода гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқот, муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ ифода ёфта, онро муносибати маҷмӯӣ нисбат ба таҳқиқоти мушкилот, шоистагии усули таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ҳамбастагии усули сифатию миқдории таҳлили далелҳо, ки дар кори таҷрибавию озмоишӣ тасдиқ гардидаанд, муайян месозад.

Натиҷаҳои бадастомадаро минбаъд ҳамчун заминаи иттилоотии илмӣ бо такмилу иловаҳо барои омода намудани монография, дастурҳои таълимию методӣ барои кормандони иҷтимоӣ, омӯзгорӣ дар зинаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода кардан муфид хоҳад буд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар муқаддима, ду боб ва 6 зербобҳо, хулосаҳо, рӯйихати адабиёт, ҷадвалу нақша ва диаграмма ифода ёфта, 181 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар боби якум **«Демократикунонии раванди таълим дар ташаккули салоҳият ва иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ»** сухан бештар дар бораи демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ омили асосии ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён бо иҷтимоишавӣ ва мавқеи мақомоти худидоракунии донишҷӯён дар иҷтимоишавии онҳо дар шароити муосир меравад, ки се зербобро фаро мегирад.

**Зербоби аввали боби якум** ба таҳлилу баррасии масъалаи «Демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ- омили асосии ташаккули

салоҳияти касбӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯён» бахшида шудааст, ки бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократиро дар ҳалли доираи васеи вазифаҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, маданӣ ва таърихӣ баён менамояд.

**Дар зербоби дуюм** «Асосҳои педагогии идоракунии демократаии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ- омили иҷтимоишавии донишҷӯён»
муҳаққиқ раванди демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбиро ҳамчун омили асосии ташаккули салоҳияти касбӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯён исбот намудааст.

**Дар зербоби сеюм** «Мавқеи мақомоти худидоракунии донишҷӯён дар иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» дар ин зербоб сухан дар бораи мақомоти худидоракунии донишҷӯён- шакли ташкили фаъолияти ҳаётии донишҷӯён дар таъмини мустақилияти онҳо дар қабули қарорҳои дахлдор меравад. Мақсади фаъолияти мақомоти худидоракунӣ донишҷӯён аз он иборат аст, ки: 1)Ба инкишофи касбии донишҷӯён таъсир расонад; 2) Ташкили фаъолияти самараноки гурӯҳи таълимиро таъмин намояд; 3) Ташаккул додани омодагӣ ва қобилияти иҷро намудани нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ дар донишҷӯён гардад.

Муҳақиқ таъкид мекунад, ки демократикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, фаъол гардонидани худидоракунӣ, пурзӯр намудани вазифаи тарбиявиро дар ҷараёни таълим, ташаккул додани салоҳияти иҷтимоии донишҷӯён ва ғанӣ гардонидани базаи моддӣ-техникӣ ва кадрии муассисаҳоро талаб менамояд.

Дар боби дуюм **«Омодагии касбии омӯзгорони оянда ба демократикунонии муносибат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», дар зербоби 1-ум** масъалаи мазмуни таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди демократикунонии таълим ва тарбия ба иҷтимоишавии донишҷуён ва муносибати босалоҳият баррасӣ мегардад.

Муҳақиқ қайд мекунад, ки демократикунонии идоракунӣ- ин пеш аз ҳама, муттамарказонии ҷараёни идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва фаро гирифтани миқдори зиёдтари одамон дар ҳалли масъалаҳои муҳими муассиса мебошад..

**Дар зербоби 2.2** «Нақшаҳои таълимӣ, барнома, дастурҳои таълимӣ-методӣ ва китоби дарсӣ дар мувофиқа бо талаботи иҷтимоишавии донишҷӯён» буда, мавқеи асосиро ишғол намудани масъалаи нақшаи таълимӣ, барномаҳо, дастурҳои таълимӣ-методӣ, китоби дарсӣ ва технологияи ахборотӣ дар ташаккули раванди салоҳиятнокии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад.

Муҳақиқ  қайд намудааст, ки барномаҳои асосии таҳсилоти касбӣ, дар қатори фанҳои асосӣ фанҳоро аз рӯи интихоби шогирдон ва фанҳои факултативӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Мазмуни таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд ба ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории байни одамон, халқҳо, нажодҳо, гурӯҳҳои динӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намояд. Нақшаҳои таълимии ихтисосҳо, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ифодакунандаи мазмуни таҳсилоти касбӣ мебошанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии нақшаи намунавии таълимӣ омода намудаи мутахассисон коркард гардида, бо хусусиятҳои миллӣ-минтақавӣ ва демократикунонию муносибати босалоҳият мутобиқ карда мешавад.

**Дар зербоби 2.3.** «Озмоиш ва мушоҳидаҳои педагогӣ оид ба навсозии таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» масъалаи ташкилу баргузории корҳои озмоишиву таҷрибавӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо баррасӣ мегардад.

Натиҷагирӣ аз корҳои озмоишӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводи нашргардидаи унвонҷӯ инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дар бар гирифта, муҳимияти яке аз вазифаи асосӣ — системанокӣ ва пайдарҳамӣ дар ташкили раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим таъмин менамояд,  тасдиқ карда шудааст.

Дар охир ба болоравии сатҳи донишҳо оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим таъсиргузор будани таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ба фаъолияти якҷоя ҷалб кардани омӯзгорону донишҷӯён  таъкид гардида, зарурияти ба самти арзишманд роҳнамоӣ кардани ҷавонон таъкид шудааст.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада муҳаққиқ хулосаҳо мувофиқ ба ҳар боб, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методиро аз ҷиҳати илмию амалӣ коркард ва пешниҳод намудааст, ки аҳамияти илмӣ ва илмӣ-методӣ барои пешрафти назария ва амалияи ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар демократикунонии раванди таълим  имконият медиҳад.

Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсия намудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 номгӯй  ва дар маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ 4 номгӯй ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферетҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, диаграмма ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки ҳангоми таҳлили таҳқиқоти илмии олимон оид ба масъалаи ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим зиёдтар аз таҳқиқоти олимони ватанӣ истифода бурда мешуд.

2. Бисёр ба маврид мебуд агар дар таҳқиқот дар раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим оилаҳо низ ҷалб карда мешуданд, зеро ташаккули ҳама намуди салоҳият аз ҷумла, салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯён аз оила сарчашма мегирад.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва теникӣ мушоҳида мегардад, ки ислоҳашон зарур мебошад.

Бояд қайд кард, ки эродҳои зикргардида дараҷаи арзишмандии таҳқиқотро халалдор намекунанд. Бинобарин диссертатсия чун кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида ва мустақилона иҷрошуда мебошад ва аз рӯи сохтору мазмун ба талаботи муқарраршуда мувофиқат менамояд.

Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва аз тарафи муаллиф мустақилона иҷрошуда буда, дар сатҳи хуб қарор дорад. Натиҷаҳои илмӣ ба доираи талаботҳо ба иҷрои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошад.

Довталаб мақсаду вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда иҷро намудааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Диссертатсияи ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти № 267 ва таҳрири нави он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 ҷавобгӯ буда, муаллифи он Садуллоева Гулнора Мохадовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фароғатӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мансурова Ҷ. С.

19.06.2025

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел: 992(37) 2241383, +992203218282.
E-mail: mansurovaj1981@mail.ru

Имзои Мансурова Ҷ. С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.